آواز тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

26 октябри соли 2024 Шанбе № 86 (15097)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ШОҲРОҲИ НАВ БА БАҲРАБАРДОРӢ СУПУРДА ШУД

25 октябр қитъаи роҳи автомобили Қӯнғирот – Бейнау, ки 240 километр мебошад, пас аз таъмир ба баҳрабардорӣ супурда шуд. Дар маросиме, ки ба ин муносибат баргузор гардид Президент Шавкат Мирзиёев иштирок намуд.





Ин роҳ қисме аз шоҳроҳи стратегӣ ба шумор меравад, ки мамлакатамонро бо давлатҳои Аврупо мепайвандад. Аммо ба сабаби солҳои зиёд истифода гардидан ва иқлими сахти қитъавии ҳавзаи Арал он ба ҳоли ногувор омада буд. Аз ин боис, бинобар таъмири замонавии он лоиҳа ба қимати 323 миллион доллар татбиқ гардид.

Дар маросим роҳбари давлат аҳамияти муҳими онро махсус таъкид кард.

– Ҳоло масофаи боркашониҳои байналхалқӣ дар ҳудуди мамлакатамон то 1 ҳазор километр кӯтоҳ гардида, харҷҳои нақлиётӣ 25 фоиз кам мешавад. Ин роҳ қисме аз шабакаи логистикӣ мегардад, ки мамлакатамонро бо бозорҳои аврупоӣ аз тариқи бандаргоҳҳои баҳрҳои Каспӣ ва Сиёҳ боэътимод мепайвандад. Боз як ҷанбаи муҳим – дар қитъаи даҳлези байналхалқии «А-380», ки аз тариқи Ӯзбекистон мегузарад, ҳаракати шабонарӯзии нақлиёт то се маротиба меафзояд, – таъкид кард Шавкат Мирзиёев.

Роҳ аз ҳар ҷиҳат ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ буда, бехатарии мусофиркашонӣ ва боркашониро таъмин менамояд.

Қаблан дигар қитъ-аҳои роҳи байналхалқии автомобилии Ғузор – Бухоро – Нукус – Бейнау таъмир гардида буд. 29 феврали соли ҷорӣ пули нав аз тариқи Амударё кушода шуда, Қароқалпоқистонро бо Хоразм пайваста буд. Ҳамин гуна кор барои равуои одамон мусоидат намуда, фаъолияти иқтисодиро баланд мебардорад ва барои рушди ҳарчи зиёди соҳибкорӣ такони иловагӣ мебахшад.

Бинобар ҳисобу китоб, дар шафати роҳи нав беш аз 200 объекти савдо ва хидматрасонӣ ва инчунин корхонаҳои саноатӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ҳисоби ин аввал 2 ҳазор ва минбаъд боз 5 ҳазор ҷойи кор фароҳам оварда мешавад. Ҳамин тариқ, пойгоҳи мустаҳкам барои афзудани ҳаҷми транзит ва дигар хидматрасонӣ дар Қароқалпоқистон соле ба миқдори 200 миллион доллар, ҳаҷми содирот на камтар аз 300 миллион доллар фароҳам оварда мешавад.

Ҳаёти беш аз 1 миллион нафар аҳолии ноҳияҳои Тӯрткӯл, Элликқалъа, Берунӣ, Нукус, Хоҷайлӣ, Шуманай, Конликӯл, Қараӯзак ва Қӯнғирот, ки ин шоҳроҳ аз тариқи онҳо мегузарад, тағйир меёбад.

Президент ба бинокорон ва коргароне, ки дар ин лоиҳа иштирок намудаанд, ба Бонки рушди Осиё, пудратчиён аз Туркия, Озарбойҷон ва Чин, мушовирон аз Кореяи Ҷанубӣ ва Италия изҳори миннатдорӣ намуд.

– Сохтмони роҳ ва пул, ба ҳам наздик кардани одамон, сабук гардондани ташвишу изтироби онҳо аз корҳои нақшибарин аст. Дар шахси роҳсозон мо чунин шахсони меҳнатқарин ва бошарафро мебинем, ки сазовори дуо ва сипосгузории халқ гардидаанд. Бигузор потенсиали иқтисодии Ӯзбекистони Нав рушд ёбад, бигузор чунин корҳои нек, ки ба баланд гардидани некуаҳволии мардум мусоидат менамоянд, зиёд гарданд, – гуфт роҳбари давлат.

Ба чорабинии кӯпруки телевизионӣ иштирокдорон аз ҳар ду канори ин роҳи 240 километрӣ – аз ноҳияи Қӯнғироти Қароқалпоқистон ва постгоҳи гумруки «Довудота» ҳамроҳ шуданд. Президент Шавкат Мирзиёев бо қаноатмандӣ ба ҳаракат дар роҳ оғоз бахшид ва ҳамватанонро бо ин рӯйдоди муҳим табрик кард.

Дар маросим намояндагони идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ иштирок намуданд.

Ба роҳбари давлат инчунин низоми мониторинги иншоотҳои муҳандисӣ нишон дода шуд. Бинобар он, дар нуқтаҳои муайяни пулҳои стратегӣ ҳисобкунакҳои электронӣ гузошта мешавад. Бо кумаки онҳо назорати доимии пойдорӣ ва сифат амалӣ мешавад. Агар аз меъёр дуршавӣ ба қайд гирифта шавад, мушкилот зуд ифшо ва бартараф карда мешавад.

Ин истифодаи дарозмуҳлат ва сифатноки пулҳоро таъмин менамояд.

Инчунин система имкон медиҳад, ки маблағ сарфа гардад. Қариб 20 намуди ҳисобот аз намуди коғаз ба электронӣ гузаронда мешавад. Маълумотҳои мониторинг то 30 сол нигоҳ дошта мешаванд. Якумин чунин лоиҳа дар роҳи нави болои роҳи оҳани кӯчаи Бобур татбиқ гардидааст, ки он ба фурудгоҳи байналхалқии Тошканд мебарад. Дар ҷараёни маросим инчунин бакорандозии ин роҳкушоии нақлиётӣ баргузор гардид.

Дарозии умумии он 702 метр, бараш 46 метр мебошад. Инчунин дуто даромадгоҳи клевер ва чор даромадгоҳи амудӣ сохта шуд, ки онҳо бо Камарбанди хурд ва кӯчаи Содиқ Толипов пайванд гардиданд. Ин ногузирии дар роҳ ақиб гаштанро бартараф намуда, ҳаракати автомобилҳоро сабук намуд. Умуман ин шоҳаи нақлиётӣ қодир аст, ки соате 5 ҳазор автомобилро гузаронад ва ин шабонарӯз 132 ҳазорро ташкил менамояд.

Президент ногузирии татбиқи низоми мазкурро дар 114 гузаргоҳи пойтахт ва баъд дар тамоми минтақаҳо таъкид кард.

Бояд гуфт, ки дар ҳашт соли охир дар мамлакатамон 2 ҳазор километр роҳ таҷдид ва 100 ҳазор километр таъмир гардид. Аз ҳама муҳимаш ҳамзамон сифати кор тағйир ёфта, намудҳои нави полимербетон ва нақбҳои сементбетон васеъ корбурд мешаванд. Дар натиҷа муддати истифодаи роҳҳо 1,5 маротиба зиёд мегардад.

Дар ҳамкорӣ бо ширкатҳои хориҷӣ соли оянда татбиқи 10 лоиҳаи калон оид ба сохтмони боз ҳазор километр роҳ ба нақша гирифта шудааст.

ЎзА.

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН РОҲБАРИ ҲАЙАТИ ИИДҲИ САҲА-РО ҚАБУЛ КАРД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 25 октябр роҳбари ҳайати мушоҳидони интихоботи парлумонии Идораи институтҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсони Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (ИИДҲИ САҲА) Дуглас Уэйкро қабул кард.

Зимни мулоқот табодули муфассали афкор оид ба масъалаҳои омодагӣ ва баргузор намудани интихоботи пешистодаи парлумони мамлакатамон ба вуқӯъ пайваст.

Бо қаноатмандӣ таъкид гардид, ки муколамаи ошкоро ва созандаи байни Ӯзбекистон ва САҲА, институтҳои он, аз он ҷумла ҳамкории босамар бо Идора роҳандозӣ гаштааст.

Фаъолияти хуби ҳайати нозирони ИИДҲИ дар доираи омодагӣ ба интихоботи парлумонии оянда олӣ арзёбӣ гардид. Экспертҳои Идора дар ҷараёни такомули низоми интихоботии миллӣ иштирок намуданд. Аксарияти тавсия ва пешниҳодоти онҳо ба инобат гирифта шуда, дар қонунгузории мамлакатамон татбиқ шудааст.

Вакили ИИДҲИ барои таваҷҷуҳ ба кори ҳайат миннатдории самимӣ баён намуда, аз дастгирии бозсозиҳои демократии ҷорӣ ва ислоҳоти иҷтимоиву иқтисодӣ дар Ӯзбекистони Нав изҳори қаноатмандӣ намуд.

Махсус таъкид гардид, ки интихоботи кунунӣ бори аввал бинобар низоми интихоботии омехта дар асоси бандҳои Конститутсияи тағйирёфтаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ки пурзӯр намудани нақши парлумон ва мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимиятро пешбинӣ менамояд, баргузор мегардад.

ЎзА.

ДАР РОҲИ РАВНАҚИ ҶАМЪИЯТИ ОЗОДИ ШАҲРВАНДӢ ВА CFF

Таъмини иштироки фаъолонаи ҷамъияти шаҳрвандӣ дар тараққиёти мамлакат, баланд бардоштани нақши институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ дар ҷараёнҳои сиёсӣ ва пурзӯр сохтани назорати ҷамоатчигӣ, дастгирӣ намудани ташаббусҳои шаҳрвандӣ дар рӯзҳои мо яке аз вазифаҳои долузарб ба ҳисоб меравад.

Бо назардошти ҳамин аз ҷониби Маркази таҳлили ҷараёнҳои демократӣ бо мақсади омӯзиши таҷрибаҳои пешқадами кишварҳои хо-риҷӣ, таҳлил ва ба ҳаёт татбиқ намудани онҳо дар пойтахт дар доираи ҳафтавори ташаббусҳои ҳамкории байналхалқӣ таҳти мавзӯи «Ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ ва рушди созмонҳои ғайридавлатию ғайритичоратӣ» анҷумани байналхалқӣ баргузор гардид.

Дар ин чорабинии нуфузнок бештар аз 10 эксперти хориҷӣ ва зиёда аз 100 нафар экспертҳои маҳаллӣ, фаъолони CFF, вакилони доираҳои илмӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ иштирок намуданд. Роҳбари Маркази таҳлили ҷараёнҳои демократӣ Азамат Пардаев ва дигарон оиди ислоҳот дар роҳи рушди демократии Ӯзбекистон, хусусан, дигаргуниҳои кулл дар соҳаи ҷамъияти шаҳрвандӣ, комёбиҳои кишвари мо дар самти кушодиву шаффофӣ сухан ба миён оварданд. Таъкид ёфт Ӯзбекистон дар индекси маълумотҳои кушод дар ҷаҳон ҷои 30-юмро, дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ бошад, мавқеи алоҳидаро ишғол менамояд.

Дар ин самт аҳамияти алоҳидаи Консепсияи рушди ҷамъияти шаҳрвандӣ дар солҳои 2021-2025 ва фармони Президент «Дар бораи чораҳои боз ҳам такмил додани институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ аз ҷониби давлат» (26 августи соли 2024) таъкид шуд. Зикр гардид, ки ин гуна ҳуҷҷатҳо ба мазмуну моҳияти тоза касбнамоии институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ мусоидат сохта, ба тамоюлҳои шаффофӣ ва рақобати солим асос ёфтаанд.

Гуфта шуд дар Ӯзбекистон ҷиҳати таъмини адолати иҷтимоӣ ва барқарорӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои шаҳрвандон аҳамияти нақши ҷамъияти озоди шаҳрвандӣ торафт эҳсосшаванда мегардад. Дар вазъи мутаҳидсозии ҷамоатҳои созмонҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ба рушди масъулияти иҷтимоӣ низ эътибор дода мешавад.

Солҳои охир ҳамкории CFF ва мақомоти давлатӣ хеле мустаҳкам шудааст. Ин имкон медиҳад, ки дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба ҷорӣ намудани тамоюлҳои шарикии иҷтимоӣ бештар аҳамият дода шавад.

Дар давоми солҳои 2017-2024 барои ба амал татбиқ намудани наздик 2250 лоиҳаи созмонҳои ғайридавлативу ғайритичоратӣ аз ҷониби Бунёди ҷамоатии назди Олий Маҷлис маблағ ҷудо карда шуд.

Анҷуман ба интихоботи ҷорӣ ба парлумон ва шӯроҳои маҳаллӣ низ эътибор нигаронд, гуфта шуд бори нахуст баргузории сохтори омехта дар интихоботи Палатаи қонунгузорӣ ва дар байни номзадҳо 40 фоизро ташкил намудани бонувон ба сифати давраи муҳими ислоҳоти демократӣ арзёбӣ мегардад. Ҷорӣ шудани сохтори хабарии электронии «F-SAYLOV» дар таъмини шаффофии ҷараёнҳои интихоботӣ аҳамияти муҳим касб менамояд.

Мутахассисони хориҷӣ ба Стратегияи «Ӯзбекистон – 2030» эътибори ҷудогона нигаронданд. Таъкид ёфт ин ҳуҷҷат ба стандартҳои байналхалқӣ ҳамоҳанг аст ва дар ташаккули идоракунии давлатии адолатноку замонавӣ нақши равшан дорад. Татбиқи амалии стратегия имконият медиҳад Ӯзбекистон дар соли 2030 ба қатори давлатҳои иқтисодиёташон рушдёфта ворид гардад.

Айни замон таъкид ёфт дар Ӯзбекистон модели рушди институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ офарида шудааст ва дар он анъанаҳои милливу тамоюлҳои демократии замонавӣ ҳамоҳанганд. Бинобар ҳамин дар мамлакат ҷамъияти шаҳрвандии пурзӯр, фаъол ва масъулиятнок ташаккул меёбад.

Дар ҷамъбасти чорабинӣ иштирокдорон оиди боз ҳам равнақ додани ҷамъияти шаҳрвандӣ дар Ӯзбекистон таклифу тавсияҳо пешниҳод намуданд.

М.ШОДИЕВ,
мухбири «Овози тоҷик».

БА РӮЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК» ОБУНА ШАВЕД!

Обуна ба рӯзномаи «Овози тоҷик» барои соли 2025 идома дорад.

Агар хоҳед, ки:

— дар соли 2025 аз навигариҳои соҳаҳои гуногун огоҳ бошед;

— фармон, қарор, фармоиш, барнома ва асноди гуногунро сари вақт дастрас намоед ва бо мазмуну моҳияти ҳуҷҷатҳои меъёрӣ ошно гардед;

— аз таҷрибаи судманди намояндагони пешқадами соҳаҳо огоҳ шавед;

— таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед;

— аз эҷоди бадеии аҳли фарҳангу ҳампешагон бохабар бошед;

— ҷолибтарин матолибу мақолаҳоро оид ба муҳимтарин масоили рӯз мутолиа кунед;


— сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи худро пайваста такмил диҳед;

ПАС, БА РӮЗНОМАИ ДӮСТДОШТАИ ХУД – «ОВОЗИ ТОҶИК» ОБУНА ШАВЕД.

Индекси обуна 170



Телефон барои мурочиат: +998 55 5200336.



Дар ин рӯзҳо дар анорзорҳои ноҳияи Қуваи вилояти Фарғона ғунучини ҳосил дар авҷ аст. Як қисми ҳосил ба бозори дохилӣ, қисми дигараш содир мешавад. Айни замон ҳосили боқимонда барои мавсими зимистону баҳор ба яхдони анборҳо ҷойгир карда мешавад.

– Дар чаҳор гектар майдоне, ки дар тасарруф дорем, анорҳои навъи харидоргир ва экспортбоби «Қаюм», «Ширини Озарбойҷон», «Турши Олтиариқ» парвариш менамоем, – мегӯяд роҳбари хоҷагии фермерии «Насимхон Моҳинур барака»-и ноҳияи Қува Акрамҷон Сулаймонов. – Ҳосили имсола боз ҳам бобаракат омад. Ният дорем ба давлатҳои ҳамсоя ва Русия 40 тонна анор экспорт намоем.

Дар сурат: *дар хоҷагии фермерии «Насимхон Моҳинур барака».*

Суратгир: М.ҚОДИРОВ (ӮзА).

Вохӯрии се насл

ЭЪТИРОФИ ИМКОНИЯТҲОИ ФАРОВОН ВА КОМЁБИҲОИ ҶАВОНОН

Дар мактаби касбу ҳунари рақами 2-юми ноҳияи Чуст бо ташаббуси ҷамъияти «Нуроний»-и вилоят вохӯрии се авлод баргузор шуд. Чорабинӣ таҳти мавзуи «Оилаи намунавии Ӯзбекистони Нав – барои ҷавонон мактаби ибрат» гузашт.

Дар он собиқадорони меҳнат, миёнасолон, омӯзгор ва мураббиён, ҷавонони фаъол иштирок намуданд. Онҳо бо соҳибони медали тиллоӣ ва биринҷии Бозиҳои паралимпии Париж–2024, ифтихори чустиён Толибҷон Йӯлдошев вохӯрданд.

Дар ҷамъомад куҳансолон, аз ҷумла, раиси ҷамъияти «Нуроний»-и вилоят Икромхон Наҷмиддинов, раиси Маркази миллию маданнии тоҷикони вилоят Абдусаттор Ғафуров, собиқадори меҳнат Ҷӯрахон Мираҳмедов дар бораи душвориҳои рӯзҳои гузашта нақл карданд ва бобати дар Ӯзбекистони Нав фароҳам гардидани шароит ва имкониятҳо изҳори шукрона карда гуфтанд, ки ба қадри ин рӯзҳо бояд расем.

– Солҳои охир дар қатори дигар соҳаҳо дар ҷабҳаи варзиш низ муваффақиятҳо ба даст омаданд. Хусусан, дар Бозиҳои тобистонаи олимпии имсола Париж варзишгарони кишварамон соҳиби якчанд медали тилло, нуқра ва биринҷӣ шудаанд, – гуфт Ҷӯрахон Мираҳмедов. – Онҳо бо нишондиҳандаҳои рекордӣ обрӯю нуфузи Ватанамонро байни кишварҳои ҷаҳон боз ҳам баланд бардоштанд. Хурсандиовар аст, ки ин натиҷаҳои таърихии онҳоро паралимпиячиёнамон давом дода, чандин медали тилло, нуқра ва биринҷиро ба даст оварданд. Бо фахр мегӯем, ки ба ин муваффақиятҳо Толибҷон Йӯлдошев низ саҳми худро ҳамроҳ кард. Мо бо Толибҷон ифтихор дорем ва фарзандҳоямон, ҳамсолони ӯро даъват мекунем, ки аз Толибҷон ибрат гиранд. Ба Ватан, ба халқ хизмат кунанд.


– Вақте ки садои мадҳияи кишварамон садо дод, аз чашмам ашк рехт. Ин ҳолати фараҳбахшро ҳар як варзишгар мехоҳад аз сар гузаронад, – мегӯяд барандаи унвони фахрии «Ӯзбекистон ифтихори» Толибҷон Йӯлдошев. – Ман боварии халқи кишвар, Президентамонро сафед кардам. Боз аз он шодам, ки ҳокими вилоят ба хонаамон омада, падару модарамро табрик намуд. Ин эътибор ба ман боз ғайрату шуҷоат бахшид. Дар муассасаҳои таълимӣ ва дар маҳаллаву корхонаҳо чунин чорабиниҳоро ташкил карда, маро таклиф карда истодаанд. Дар вохӯриҳо чандин бор гуфтаам ва боз таъкид мекунам, ки барои мо– ҷавонон дари имкониятҳо кушода аст. Ҳамсолонам ва ҷавононро даъват мекунам, аз ин шароитҳо истифода баранду ба муваффақиятҳо ноил гарданд. Варзишгароне, ки аз мамлакатҳои хориҷӣ дар мусобиқа иштирок намуданд, ба мо – ӯзбекистониён бо чашми ҳавас нигоҳ карданд. Ин ҳолат барои мо ҳам ифтихор буду ҳам масъулият. Дар мусобиқаҳои оянда низ парчами Ватани маҳбубро баланд мебардорам.

Созмондиҳандагони чорабинӣ ба Толибҷон Йӯлдошев ташаккурнома ва туҳфаҳо супурданд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти Наманган.

Табиби ман – ҳабиби ман

ТАШХИСИ ДАҚИҚ, ТАБОБАТИ АНИҚ



Зиёда аз ним аср боз дар соҳили рӯди Дарғам шифохонаи давлатии маркази барқароркунии саломатӣ ва табобати варзишии назди Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд амал мекунад. Дар замони шӯравӣ табобатхонаи мазкур танҳо ба маъмурияти вилоят ва оилаи онҳо хидмат мекард. Имрӯзҳо одамони касбу корашон гуногун, хосатан собиқадорони ҷанги Афғонистон, меҳнат, ногироҳо дар ин табобатгоҳ саломатии худро мустаҳкам мекунанд.

Ҳудуди шифохона қариб 10 гектар буда, дарахтони меванок, сояафкану манзаравӣ, гулу растаниҳои гуногун, барои сайру гашт роҳи пиёдагард ва курсиву катҳои чӯбин дорад.

Бинои хушсохту замонавӣ эътибори касро ба худ мекашад. Дар ошёнаи якум шуъбаи қабулу бақайдгирии беморон, ошхона, утоқҳои табобатӣ, ташхисхона ва ғайра ҷой гирифтаанд. Дар қабати дуюм бошад, хонаҳои табобати барқӣ, масҳ, табобат бо мум (парафин) ҷойгиранд.

Нигора Бурҳонова беш аз 30 сол аст, ки дар ин даргоҳ ҳамчун мудири шуъбаи ташхис адои вазифа дорад. Зимни суҳбат як гурӯҳ беморон ба кору фаъолияти Бурҳонова баҳои баланд дода, иброз намуданд, ки дар Самарқанд ташхисгарон хеле бисёранд, вале кору муомилаи дилнишину самимонаи ӯ аз дигарон фарқ мекунад. Бо дарназардошти ташхиси аниқ ва боварибахши вай беморон бештар ба муолиҷагоҳи мазкур меоянд.

– Хушбахтам, ки туфайли дастгирӣ ва роҳнамоии падару модар омӯзишгоҳи тиббиёти Самарқандро хатм карда, бо роҳхат ин ҷо ба кор омадам ва аз ходими одӣ то дараҷаи мудири ташхисхона расидам, – гуфт Нигора Бурҳонова.

Дар табобатхона шифокорони соҳибтаҷриба хеле бисёранд, яке аз онҳо номзади фанҳои тиб, табиби дараҷаи олӣ Назира Бобоқуловна мебошад. Ман ин бонуи бо меҳру самимиятро солҳои тӯлонӣ мешиносам. Вай таклифамро аз хусуси навиштани маводе дар бораш борҳо рад карда, хоксорона мегуфт, ки вазифаашро иҷро мекунад ва ба ситоиш ҳоҷат нест.

Падараш Бобоқул Рустамов (илоҳӣ, рӯҳашон шод бод!) профессори Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд буданд. Эшон ба духтари соҳибистеъдоди худ Назира ҳам падар ва ҳам устод маҳсуб меёфтанд.

– Духтари азизам, табобат санъати олиҷаноб аст, – такрор мекарданд падарам, – касби мо ҷасорату матонат, фидокорона хидмат карданро тақозо менамояд. Фаромӯш набояд кард, ки чеҳраи кушод, суханони тасаллиятбахш оғози сиҳатёбии беморон аст, – мегуфтанд падар, – ба хотир меоварад шифокор Назира.

Нигоҳи тоза ба касбу кори худ, муносибати самимӣ ба корафтодагон ва дақиқназарӣ ҳангоми табобат буд, ки ӯ дар муддати кӯтоҳ аз табиби одӣ, то дараҷаи мудири шуъбаи бемориҳои рӯҳӣ, яъне нервпатолог расид. Имрӯзҳо шогирдони зиёд дорад. Яке аз онҳо Вакилҷон Сулаймонов аст, ки дар табобатхона соҳиби нуфузу эътибори хос дорад.

Корафтодагон аз хидмати беминнати ҳамшираҳои шафқат Интизор Садриева, Дилноза Ҳамроқулова, Шаҳноза Азизова, Гулноза Қамарова, Зарҳала Мардонқулова ва дигарон миннатдор ҳастанд.

– Мо, «афғон»-ҳо ҳар сол ба табобатхона омада, саломатии худро мустаҳкам менамоем, – мегӯяд собиқ сарвари Иттиҳодияи сарбозони байналмилалии «Сиёвуш»-и ноҳияи Самарқанд Ҷаъфар Ҷабборов. – Табибону ҳамшираҳои шафқат вазифаи худро ба дараҷаи аъло иҷро мекунанд. Илоҳӣ, дасташон дардро набинад!

– Чанде пеш маро сарвари табобатхона таъин намуданд, – гуфт Ҳасан Азизов. – Хеле хушҳол ҳастам, ки ҷамоаи шифохона маро хуш қабул кард. Баъзе муаммоҳои ҳалталаб ҳастанд. Умедворам, ки бо дастгирии сардори садорати нигаҳдории тандурустии вилоят Суҳроб Зайниев, ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд Ҷасур Ризоев ва дигар шахсони масъул камбудиҳое, ки каму беш ба назар мерасанд, бартараф хоҳанд шуд, – хулоса кард Ҳасан Азизов.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик» дар
вилояти Самарқанд.

ЭЪТИРОФ ГАРДИДАНИ ТАҒЙИРОТҲОИ МАМЛАКАТ ВА ФАЪОЛНОКИИ ИНТИХОБКУНАНДАГОН

Котиби генералии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил Сергей Лебедев, ки ба мамлакатамон бинобар интихоботи депутатҳои Палатаи қонунгузорӣ ва шӯроҳои маҳаллӣ омадааст, дар мусоҳиба бо вакилони ВАО бо қаноатмандӣ такомули муттасили қонунгузории интихоботӣ, фаъолнокии интихобкунандагон ва дар байни номзадҳо беш аз 40 фоиз ҳузур доштани занонро таъкид кард:

– Ҳайати нозирони дарозмуддати Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил аз 25 сентябри соли ҷорӣ корро оид ба мушоҳидаи омодагӣ ба интихобот шурӯъ намуд. Омӯзиши онҳо дар Комиссияи марказии интихоботӣ, комиссияҳои интихоботии ҳудудӣ ва қитъаҳои интихоботӣ баргузор гардид. Аз 16 октябр ҷараёни пеш аз мӯҳлат овоздиҳӣ сар шуд ва мо донистем, ки дар ин ҷараён беш аз 1 миллион нафар шаҳрвандон иштирок намудаанд. Ин аз фаъолнокии интихобкунандагони Ӯзбекистон, аз таваҷҷуҳи онҳо ба номзадҳое, ки ба парлумон интихоб хоҳанд гардид, гувоҳӣ медиҳад.

Мо бо баъзе тағйироте, ки ба қонунгузории интихоботӣ дохил гаштаанд, шинос гардидем. Коршиносони Кумитаи иҷроияи ИДМ, Ассамблеяи байнипорлумонӣ шоҳиди он гардиданд, ки сол то сол қонунгузории интихоботии Ӯзбекистон такмил меёбад.

Бо қаноатмандӣ таъкид кардан мехоҳам, ки дар Ӯзбекистон рақамҳои дақиқи (40 фоиз) иштироки занон дар интихобот ба мақомоти намояндагӣ мушаххас гаштаанд. Чунин низом дар Озарбойҷон ва Русия низ вуҷуд дорад. Аз ҳама муҳимаш ин аст, ки дар парлумон ҳузур пайдо намудани шахсони соҳибваколате, ки азми интихобкунандагонро татбиқ карда метавонанд, манфиати онҳоро ҳимоя намуда, ба беҳбудии сатҳи ҳаёти халқ мусоидат мекунанд.

Мехоҳам инро, ки бисёр бамаврид аст таъкид кунам. Ҳар дафъа ба Ӯзбекистон омада мо гувоҳи бозсозиҳои мусбат дар ҳаёти ҷумҳурӣ мегардем. Намуди Тошканд ва маркази вилоятҳо тағйир меёбанд. Интихобот дар фазои ором ва осуда, муташаккилона ва бо риоя намудани қонунгузории интихоботӣ мегузарад. Мушкилоти пешомада сари вақт бартараф карда мешавад.

Муҳтарама КОМИЛОВА,
мухбири ӮзА.

МАВҚЕИ ТАШАББУСКОРИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР ФАЪОЛИЯТИ АССАМБЛЕЯИ БАЙНИПОРЛУМОНИИ ИДМ ЭЪТИРОФ ГАРДИД

Дар Сенати Олий Маҷлис бо ҳайати Ассамблеяи байнипорлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мулоқот баргузор гардид.

Ҳангоми мулоқот Раиси Сенат Т.Норбоева ба ҳолати ҷории ҳамкории Олий Маҷлиси Ӯзбекистон бо порлумонҳои кишварҳои ИДМ ва нақшаҳои оянда дар ин самт эътибори алоҳида нигаронд.

Ҷонибҳо таъкид намуданд, ки муносибати дӯстонаи байни давлатҳои иштирокдори ИДМ мустаҳкам гардида, дар тамоми соҳаҳо ба дараҷаи нав баромад, ки ин барои некуаҳволии халқҳо хеле муҳим аст.

Аз ҷумла, мақоми афзояндаи порлумонҳо дар ин ҷараёнҳо ва мавқеи ташаббускори Ӯзбекистон дар фаъолияти Ассамблея таъкид ёфт.

Зимни мулоқот дар заминаи вусъати минбаъдаи ҳамкории Ӯзбекистон бо Ассамблеяи байнипорлумонии ИДМ ва бо давлатҳои аъзои он, татбиқи лоиҳаҳои нав созишнома ба даст омад.

Норгул АБДУРАИМОВА,
хабарнигори ӮзА.

ҲАЙАТИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР НАМОИШГОҲИ «WTE MIAMI»

Ҳадаф тарғиби иқтидори сайёҳии Ӯзбекистон, ҷалби сармоя ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ мебошад. Ин ҳайат дар ҷараёни намоишгоҳ, ки дар ИМА баргузор гардид, мавзеъҳои гуногуни диққатҷалбкунандаи сайёҳӣ, фарҳангӣ ва анъанаҳои нодири кишварамонро ба намоиш гузошт.

Илова бар ин, дар доираи намоишгоҳ мулоқот бо шарикони хориҷӣ, табодули таҷриба бо туроператорҳои пешрафтаи ҷаҳон дар соҳаи сайёҳӣ низ ба вуқӯъ пайваст.

Иштирок дар чунин намоишгоҳи густурда имкон медиҳад, ки Ӯзбекистонро ҳамчун як макони ҷолиб барои саёҳат ва сармоягузорӣ муаррифӣ кунем. Ҳайат инчунин дар мизи мудаввар ва семинарҳо бахшида ба тамоюлҳои муосири сайёҳӣ, ки ба таҳкими мавқеи Ӯзбекистон дар арсаи байналмилалӣ хизмат менамояд, иштирок кард. Раиси Кумитаи сайёҳӣ Умед Шодиев дар ҷаласаи «Нақши туризм дар рушди иқтисоди кишвар» ширкат ва суханронӣ кард.

Вакилони соҳа аз мамолики хориҷӣ дар бораи ислоҳоте, ки дар самти туризм амалӣ мегарданд, ташкили минтақаҳои туризм дар деҳоти дурдасти кишвар ва амсоли он маълумот ба даст оварданд. Ҳамзамон дар намоишгоҳ туроператорҳо, намояндагони тарабхонаву меҳмонхонаҳо, ҳунармандони вилоятҳои Тошканд, Самарқанд ва Хоразм маҳсулоти худро ба намоиш гузоштанд. Ба гуфтаи намояндаи намоишгоҳи «WTE Miami», аз ин чорабинӣ намояндагони беш аз 60 кишвари ҷаҳон, инчунин беш аз 120 намояндаи ВАО дидан карданд.

М. АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Бо мақсади васеътар намудани мулоқот бо аҳолӣ, муайян кардани масъалаҳои ҷойдошта, бобати бевосита дар ҷойи худ бартараф намудани онҳо дар шуъбаи вилоятии Агентии баҳодиҳӣ ба донишу малака қабули сайёри навбатии ҳокими вилояти Бухоро Ботир Зарифов, инчунин Сарпрокуратураи ҷумҳурӣ ба амал омад.

ҚАБУЛИ САЙЁР

Бо мақсади ҳарчӣ зудтар ҳаллу фасл кардани мурочиатҳо дар ҷараёни қабул роҳбарони секторҳо, садорату идораҳо низ иштирок карданд.

Ба чорабинӣ на фақат аҳолии шаҳр, балки корафтодагон аз гӯшаву канори вилоят ба умеди ҳалли масъалаҳои худ омаданд. Ҳангоми қабул мурочиатҳои 262 нафар шаҳрвандон аз хусуси бартарафсозии норасоиҳои соҳаи коммуналӣ, бекорӣ, таъмири роҳҳои деҳот, муолиҷа, кумаки моддӣ, соҳибкорӣ, соҳибшавӣ ба замин ва хонаю ҷой, масъалаҳои суд ва ҳуқуқ шунида шуд ва баҳри ҳалли мусбии онҳо масъулон вобаста гардиданд.

Амрулло АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

ХАБАРҲО

НОГИРОҲО ЧӢ ТАВР ОВОЗ МЕДИҲАНД?

Фардо дар мамлакатамон интихоботи навбатии Палатаи қонунгузории Олий Маҷлис ва шӯроҳои депутатҳои халқ баргузор мегардад.

Назар ба фикри раиси Ассотсиатсияи ногироҳои Ӯзбекистон Ойбек Исҳоқов барои овоздиҳии шахсони имконияти ҷисмонияшон маҳдуд дар ҳамаи қитъаҳои интихоботӣ шароит фароҳам оварда шудааанд, яъне ногироҳои кулли тоифаҳо бе ҳеч душворӣ ҳуқуқи интихоботии худро бо истифода аз забони имову ишора, навишти субтитр ва алифбои брайл, аудио гид, мутарҷими сурдо, инчунин аз имкониятҳои интернетиву робитаҳои мобилӣ ба амал бароварда метавонанд. Кумаки бевоситаи ходимон низ дар ҷараёни овоздиҳӣ мушкили ногироҳоро осон гардонда наш мумкин. Барои ҳаракати озоди аробачаҳои ногирой шароитҳо фароҳаманд.

МУКОФОТ ДАР ҶАШНВОРАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Филми ҳуҷҷатии «Одамҳои шамол» ба ташаббуси наҷиби Файзулло, Мардон ва Ҳамроқул ном велосипедронҳои куҳансол бахшида шудааст. Ҳар се қадрдони дерин буда, якҷо тамоми ҳудудҳои ҷумҳуриро бо велосипед саёҳат карда баромадаанд.

Онҳо чанд сол пештар ҳам ин тавр азм доштанд, вале пандемия ба ин монеъ шуда буд.

Продюсери филм Фурқат Усмонов, муаллифи ғоя – Алӣ Ҳамроев, муаллифи сенария ва коргардон – Шерзод Назаров. Маслиҳатҳои режиссёри номӣ Юсуф Розиқов ба эътибор гирифта шудаааст.

Дар Ҷашнвораи байналхалқии «Евразия-кинофест» (Маскав) филми ҳуҷҷатии зикршуда мукофоти асосиро гирифт.

М. ШОДИЕВ,
мухбири
«Овози тоҷик».



ФАЗО ФАЗОИ ФАРЗАНДҲОИ ХУРДСОЛ

Солҳои охир дар шаҳри Тошканд масканҳои томактабии замонавӣ таъсис меёбад. Муассисаи таълими томактабии давлатии рақами 203 аз он ҷумлаест, ки дар ноҳияи Яшнободи пойтахт сохта, ба истифода супурда шуд.

Дар он ҳокими шаҳр Шавкат Умурзоқов, роҳбари садорати таълими томактабиву мактабӣ Нилуфар Ҳусанбоева, ҳокими ноҳия Бахтиёр Раҳматқулов, масъулони ҳокимият, намояндагони соҳаи таълими халқ, фаъолони Иттифоқи ҷавонон ва вакилони ҷамоатӣ иштирок намуданд.

Дар чорабинӣ ҳокими шаҳр таъкид кард, ки фазои фазои муошират фарзандони хурдсол аст. Дар Ӯзбекистони Нав ба сифати бунёдкорони ояндаи мамлакат, барои дониши амиқ гирифтан, аз ҳар ҷиҳат чун насли солим ба воя расидани онҳо шароити муносиб фароҳам оварданд яке аз самтҳои устувори сиёсати давлат ба шумор меравад.

Ин бинои дуошёна дорои воситаҳои таълиму тарбияи талаби имрӯза мебошад. Муассисаи мазкур барои беш аз 240 нафар наврас пешбинӣ шудааст.

Дар маскани тарбия нуқтаи тиббӣ, хонаҳо мувофиқи синну сол, толори мусиқӣ, варзиш, хонаҳои забонҳои хориҷӣ, ошхона, толори тобистона, майдончаҳои бозӣ барин қулаиҳо баҳри истироҳат ва илмомӯзии кӯдакон офарида шудааст.

Таъкид гардид, ки барои баланд бардоштани сифати таълими кӯдакон ҷорӣ намудани барномаҳои муосири таълимӣ ба нақша гирифта шудааст.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Акси садо

КИТОБ ДӮСТ ВА МАСЛИҲАТГАРИ МОСТ

Фурӯғи коинот аз Офтоб аст,
Фурӯғи одамият аз китоб аст.
(Рустами ВАҲҲОБ).

Оре, китоб сарчашмаи дониш ва мушкилкушои ҳамаи корҳо мебошад. Китобҳои «Авасто», «Қуръон», «Каломи Шариф» таърихи чандинҳазорсола доранд. Онҳо ҳамаи суннатҳои гузаштагонро ба мо равшан месозанд. Танҳо китоб метавонад ба кас хушбахтӣ ато намояд, хурсандӣ бахшад ва маслиҳатгару ҳамфикр бошад.

Саҳифаҳои «Овози тоҷик»-ро варақ зада, мақолаҳоро (хоҳ сиёсӣ бошад, хоҳ адабӣ) бо шавқ мутолиа менамоям. Пас аз мутолиаи мақолаҳои Озод Ҳамидзода «Китоби зери болини кӯдак» («Овози тоҷик», 6 июли соли 2024, шумораҳои 53-54), Сулаймон Содиқ «Китобро китобхон бояд» («Овози тоҷик», 3 августи соли 2024, шумораи 62) ва Мирзоумар Сафарзода «Китоб – боли маънавият» («Овози тоҷик», 28 августи соли 2024, шумораи 69) чанд андеша тавлид шуд ва водор сохтанд, ки онро рӯйи коғаз оварам.

Дар гузашта, хусусан солҳои 70-80-уми қарни бист насли калонсоли мо китобхон, рӯзномаву маҷаллахон буданд. Китобхонаҳои шаҳру ноҳия, мактабу ташкилот китобҳои зиёд доштанд. Бисёр одамони бомаърифат дар хонаҳои хеш китобхонаи шахсӣ доштанд, ки аз онҳо на танҳо худ, балки атрофиён низ баҳра мебурданд.

Ман чун омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик собиқаи 37 солаи корӣ дорам. Китобу рӯзнома ва моҳномаҳои зиёде харидаву ҷамъоварӣ намудаам. Хонандагон ва омӯзгорони мактаб аз китобхонаи шахсии банда то ҳол истифода мебаранд. Вақте ки дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил мекардам, устодон ба мо, донишҷӯён супориш медоданд, ки китоби дӯчилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-ро, ки дар Москва соли 1969 чоп шуда буд, ҳатман дастрас кунем. Қариб ҳамаи дуконҳои китоби Душанбешаҳрро аз назар гузаронидам. Мутаассифона, ин китоб дарёфт нашуд. Ҳамсабақон хабар доданд, ки дар дукони китоби ноҳияи Орҷоникидзеобод «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҳаст. Ба он ҷо рафта, ин китобро харидам. Беҳуда нагуфтаанд, ки «ҷӯянда ёбанда аст». Ҳоло барои ман китоби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» сарвати бебаҳо аст.

Аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки дар давоми 5-6 соли охир китобхонаю китобхонӣ торафт коста гардид ва ҳатто дар баъзе маҳалҳо аз миён рафта истодааст. Имрӯзҳо аксарият ёд аз хондани китоб намекунанд. Ҳама рӯй ба телефони мобилӣ оварда, хондан ва омӯхтанро аз тариқи интернет қарор додаанд. Интернет майнаи моро мисли занбӯр заҳролуд мекунад. Дар он ахбори холису нохолис ба чашм бармехӯрад.

Дар ҳар сурат китоб таъсири калони тарбиявию даркқуниро дорост. Басо одамони бузург – олимон, файласуфон, шоиру нависандагон ба китоб ҳамчун ба муаллими бузург, рафиқи шафиқ баҳо дода, онро азизу мукаррам донистаанд. Ба ҷавонон даъват ба амал овардаанд, ки аз овони бачагӣ ба китобхонӣ одат кунанд. Беҳуда Виктор Гюго нагуфтааст:

«Хушбахт касест, ки ба яке аз ин ду чиз дастрасӣ дошта бошанд:
ё китоби хуб, ё дӯстоне, ки аҳли китобанд».

Собир ЭРГАШЕВ,
омӯзгори собиқадор
аз ноҳияи Фориши
вилояти Ҷиззах.

ДАР ХИДМАТИ АҲОЛӢ

Дар мамлакати мо тибқи тамоюли «Ҳама чиз барои инсон, ҳама чиз барои хушбахтии инсон» ҳаллу фасл гардидани мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ боиси хушнудии онҳо мегардад. Аз ин боис идораву ташкилотҳои гуногуни давлатӣ дар пайи иҷрои хидмати худ барои қонеъ намудани талабу дархостҳои шаҳрвандон кӯшиш менамоянд.

Нозири шуъбаи 4-уми корҳои дохилии шуъбаи муҳоҷират ва бақайдгирии ҳолати шаҳрвандии идораи мутобиқгардонии фаъолияти мақомоти садорати корҳои дохилии ноҳияи Мирзо Улуғбеки пойтахт Бекзод Абдусодиқов аз ҷумлаи онҳост. Ӯ чанд сол аст, ки дар адо намудани вазифаҳои хидматии худ, аз ҷумла, дар ташаккулёбии рӯйихати манзили истиқоматии доимӣ ва муваққатии шаҳрвандон, дар ҷойи худ ҳаллу фасл кардани мушкилоти онҳо фаъолиро аз даст намедиҳад.

Инчунин Б. Абдусодиқов ва ҳамкорони ӯ ба суроғаи истиқоматии шахсони маълӯл ва яккаву танҳо баромада, дар бартараф намудани камбудии онҳо аз таҳти дил кумак мерасонанд.

Н. НОДИРОВА.



Дар сурат: Б.Абдусодиқов *ва намояндагони идораҳои мақомоти дигар ҳангоми боздид аз хонадони аҳолӣ.*

СУХАНОНИ ҲИКМАТОМЕЗИ БУЗУРГОН

Дар осоиштагӣ лаззати ҳақиқӣ нуҳуфтааст.

***

Оила булӯри ҷомеа мебошад.
Виктор Гюго.

Хатои бузурги насли имрӯз он аст, ки дилҳои хайрхоҳу меҳрбонро сарфи назар намуда, ба дунболи чеҳраҳои зебо мегардад.
Уилл Смит.

Танҳо мондан бо китоб беҳтар аз мулоқот бо аблаҳон аст.
Пиер Бауст.

Дар ҳар заифӣ қудрате ҳасту дар ҳар тавоноӣ заъфе.

***

Дароии бисёр мисли фақру парешонӣ зиндагиро талху ногувор месозад.
Муҳаммади Ҳиҷозӣ.

Дар бузургсолӣ аз омӯхтан шарм надоред: дер омӯхтан беҳтар аст аз наомӯхтан.
Эзоп.

Ҳамеша он чиро, ки ҳис ва фикр мекунед, анҷом диҳед. Сукут косаи чинии тақдирро мешиканад.
Бернард Шоу.

Кори худро дӯст дорӣ, пас он кор не, балки саёҳати шавқангезест ба сӯйи орзуҳо.

***

Агар ту мутанаффир ҳастӣ, пас ба ту пирӯз омадаанд.
Конфутсий.

Ҳатто ба гӯшаи хаёл наовар, ки ту ба ин ё он кор тоб оварда наметавонӣ.
Эрнест Ҳемингуэй.

Касе, ки ҳурмат мехоҳад, ба дигарон арҷ мегузорад.
Клан Сопрано.

Дар байни дуздон хатарноктаринашон девонаҳоянд: онҳо дар як вақт ҳам вақт ва ҳам кайфиятатонро медузданд.
Арасту.

Одамон мисли китобанд: ҳарфҳояшон як хел аст, вале мазмуну мундариҷаашон — гуногун.
Ги де Мопассан.

Халқе, ки танҳо бо гузаштагони бузургаш ифтихор дорад, гузаштагонаш зинда, вале худаш мурда аст.
Абурайҳони Берунӣ.

Иллатҳо дар навбати аввал раҳгузар, сипас меҳмон, дар ниҳояти кор хоҷаи мову шумоянд.
Тит Лукретсий Кор.

Аз хонаи касе, ки ба ивази некӣ бадӣ мекунад, бадӣ дур намешавад.
Ҳазрати Довуд.

Дӯстонро аз байни нафароне интихоб кунед, ки дар гуфтани ҳақиқат истеъдоди нодир доранд.
Владимир Зелдан.

Ду гурусна ҳаргиз сер нашаванд: гуруснаи илм ва гуруснаи мол.
Ҳазрати Муҳаммад (с.а.в.).

Тарҷума ва таҳияи
А. СУБҲОН.

Раҳовард

3. РАВШАНГАРИ ДУ ДИДАИ БИНО ШУДА КЎЛОБ

Шоире, ки дарди миллатро ба дӯш дошт

Зимни сафар ба минтақаи Хатлон ба мо ҳамсабақам Наҷот Сафарзода роҳбаладӣ намуд. Бо вай баъди 46 сол вохӯрдам. Ӯ солҳои зиёд дар рӯзномаи вилоятӣ, баъд сардабири рӯзномаи ноҳиявӣ буд.

Нахуст аз осорхонаи Шоири халқии Тоҷикистон Ашӯр Сафар дар Кӯлоб боздид намудем. Дар осорхона бештар аз ҳазор ашёи гуногун гирдоварӣ шуда буд ва ҳар кадоми он як саҳифаи кору фаъолияти Ашӯр Сафари шодравонро инъикос менамуд. Аз ҷумла, яке аз лавҳаҳо ҳаёт ва фаъолияти ӯро бо чанд дастнависи шеъру ғазалҳояш бозтоб диҳад, дар лавҳаи дигар акси ӯ бо як идда шоирони номдори миллат, мисли Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Лоиқ ва дигаронро дидан мумкин буд.

Аз тамошоҳои он пай бурдан душвор набуд, ки устод Ашӯр Сафар то ба мақоми Шоири халқии Тоҷикистон расидан ва барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ шудан заҳмати зиёд кашидааст.

– Ин «Девон»-и падарам аст, ки соли 2018 дар нашриёти «Адиб» ба табъ расид. Онро бароятон тӯҳфа мекунам. Умедворам, ки корманди рӯзномаи «Овози тоҷик» тавассути он аз ашъори падарам огаҳ мешаванд, – гуфт писари шоир Зикруллоҳ ва як китоби калонҳаҷмро ба дастам дода илова кард: – Он дар арафаи 90-солагиашон интишор ёфтааст ва муқаддимаашро доктори илмҳои филологӣ Худоӣ Шарифов навиштааст.


Дар лавҳае ҳаёт ва фаъолияти ӯ акс ёфтааст. Дар он омада, ки Ашӯр Сафар 1 майи соли 1928 дар деҳаи Работингаки ноҳияи Маскав (ҳозира Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ) чашм ба дунёи ҳастӣ кушодааст. Донишкадаи муаллимтайёркунии Кӯлобро ба фарҷом расонда, муддате дар мактабҳои минтақа омӯзгорӣ кардааст. Соли 1958 факултаи забон ва адабиёти тоҷики Донишкадаи давлатии омӯзгории Кӯлобро хатм карда, дар вазифаҳои гуногуни шуъбаи маориф кор кардааст. Баъд дар рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» кор карда, ба ҳайси омӯзгор ба толибилмон беш аз 50 сол аз фанни забон ва адабиёти тоҷик дарс гуфтааст. Натиҷаи ҳамин хидматҳост, ки сазовори унвони фахрии «Аълочии маорифи Иттиҳоди Шӯравӣ» шудааст.

Дарвоқеъ, маҷмӯаи ашъори «Ибтидои роҳ» (1964) ӯро ба дунёи шеъру шоирӣ ворид намудааст.

Маҷмӯаи «Арзи меҳр» сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ гардидааст. «Гулчини ашъор»-аш соли 1997 дар Эрон ба табъ расидааст. Ашӯр Сафар дар боби тарҷумаи осори адибони хориҷӣ, хусусан ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ, хидмати шоиста кардааст.

Ашӯр Сафар 10 январи 1997 аз олам даргузаштааст.

Дар осорхона чашмам ба як саҳифаи ҳафтаномаи «Адабиёт ва санъат» аз 26 апрели соли 2018 афтид, ки матлаберо таҳти унвони «Мукотибаи Фазлиддин Муҳаммадиев бо Ашӯр Сафар» нашр кардааст. Дар он нависанда Ф.Муҳаммадиев устод Ашӯр Сафарро «қиблагоҳ» ва «падари бузургвор» гӯён мурочиат кардааст ва худро «фарзанди дӯстдор, дуогӯй ва садоқаткеш» зикр кардааст. Ҳар кас ба осорхонаи ӯ ояд, аз маълумотҳои зиёд дар бораи ӯ ба вачд хоҳад омад. Зеро ба иборае нависандаи мумтози тоҷик Фазлиддин Муҳаммадиев «Ашӯр Сафар дарди миллатро бар дӯш дошт».



Аз мардикорӣ – ба саҳнаи театр

Баъди тамошо ва зиёрати мақбараи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ–яке аз ёдгориҳои таърихии шаҳри Кӯлоб озими осорхонаи шоир, ҳунарпешаи театр ва овозхони маъруф Сайидалӣ Вализода шудем. Ҳанӯз аз давраҳои мактабхонӣ чанд шеъру тароннаҳои ӯро аз китобҳои дарсӣ хондаву азёд медонистем. Яке аз тарғибгарони осори ӯ Ҳофизи халқии Тоҷикистон Одина Ҳошим мебошад.

Бар асоси маълумоте, ки дар осорхонаи ӯ дастрас намудем, С.Вализода аз тариқи худомӯзӣ соҳиби маълумоти ибтидоӣ шудааст ва то инқилоби Уктобр ба мардикорӣ қути лоямут ба даст меовардааст. Сонӣ коргари колхоз шуда, аз нимаи солҳои 30-юм дар Театри мусиқӣ-драмавии вилоят фаъолият намудааст, ки ҳоло номи ӯро гирифтааст.

Завқу шавқи шеъру тароннасароӣ аз овони ҷавонӣ дар ӯ пайдо шудааст ва маҷмӯаи аввалини ашъораш бо номи «Таронаҳо» соли 1949 интишор ёфтааст. Гуфта мешавад, ки дар ашъораш ҳаёти нав, заҳмати созандаи коргару деҳқон, сулҳу дӯстиву якдилӣ ва дигар ҷанбаҳои ҳаёту зиндагии мардум тараннум ёфта, камбуду нуқсонҳои ҷомеаро зери тозиёнаи танқиду маззаммат қарор додааст. Узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Саидалӣ Вализода барои хидматҳои бузургаш ба унвонҳои Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон ва Ҳофизи халқии Тоҷикистон сазовор гаштааст. Вай 12 декабри соли 1971 аз олам даргузаштааст.

«Агар Ғоиб Сафарзода ҷавон бо ҳаёт падруд намегуфт...»

Осорхонаи Ғоиб Сафарзода дар деҳаи Кадучии ноҳияи Восеъ воқеъ гаштааст. Вақте ки мо ба ин деҳа расидем, то ғуруби офтоби тирамоҳ як қади найза монда буд. Осорхона аз як ҳуҷраи калон иборат буда, рафи се тарафи онро китобҳои зиёд ишғол мекард. Дар девори як тараф чанд акс овезон буд.

– Ин осорхона бояд мавриди бозсозӣ қарор гирад ва ба ҷойи дӯстдоштаи муштариёне табдил ёбад, ки шеър ва қироати китобро дӯст медоранд, – гуфт роҳбалади мо Наҷот Сафарзода.

Вай афзуд, ки боз чанд қуттӣ китоб интиқол ёфтааст, ки интизор меравад, баъди бозсозӣ рафҳои нави онро пур хоҳанд кард ва тақдими муштариён хоҳанд шуд.

Ғоиб Сафарзода соли 1957 шомили факултаи таъриху филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе шудааст. Баъди хатми он дар рӯзномаи «Тоҷикистони Советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») кор кардааст. Аввалин шеърҳояш аз солҳои донишҷӯйӣ ба табъ расидаанд. Нахустин маҷмӯаи ашъораш «Корвони орзу» соли 1969 пешниҳоди хонандагон гардидааст.

Дар эҷодиёти ӯ публитсистика ва жанрҳои гуногуни он (очерку сафарнома ва мақолаҳои проблемавӣ), ҳамчунин, танқиди адабӣ мақоми хосеро касб намудаанд. Бо вуҷуди умри кӯтоҳи худ Сафарзода аз ҷумлаи зиёиёни сарсупурда ва миллатдӯсту ватанпарвари Тоҷикистон муаррифӣ шудааст.

Вай ин дунёро дар синни сиву дусолагӣ, дар айни авҷи камолоти эҷодӣ тарк кардааст, аммо тавонистааст аз худ мероси ғанӣ ба ёдгор гузорад. Маълум шуд, ки Сафарзода дар қатори аввалин зиёиёни тоҷик барои покизагӣ ва мақоми шоистаи забони модарӣ муборизаи бурдааст. Баъди марги фоҷиабор дар соли 1972 маҷмӯаҳои ӯ яке аз паси дигар рӯйи чопро дидаанд. «Ошёни офтоб» соли 1973, «Мероси ҷавонӣ» соли 1978, «Куллиёт» соли 2011, «Мунтахабот» китоби 2-юм соли 2011 аз ҳамин шуморанд.

Қайди эътирофи устод Лоиқ дар ҳақи Ғоиб Сафарзода низ хеле мувофиқи мақсад хоҳад буд. Устод Лоиқ зимни гирифтани Мукофоти давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ чунин гуфтааст: «Агар марги нобаҳангом Ғоиб Сафарзодаро аз байн намебурд, ин ҷоиза насиби ӯ мешуд».

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
«Овози тоҷик».

ДУШАНБЕ – КЎЛОБ.

Минбари донишҷӯй

ГАНҶИНАИ БЕНАЗИРРО ҲИФЗ НАМОЕМ!

Аз оташу обу боду хокем ҳама,
З-ин чор чу набванд, ҳалокем ҳама,
– гуфтааст Хайёми бузург. Ин чор унсур – оташу обу боду хок, ки шоир эътироф намудааст, мабдаи тамоми мавҷудоти олам мебошад. Мардум аз азал ин чор унсурро муқаддасу азиз шумориданд ва шояд аз ин сабаб бошад, дар нақлу афсонаҳои халқӣ ситоиши ин унсурҳо бештар ба назар мерасанд.

Дар достони «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ Ширин ба Фарҳоди кӯҳкан ба хотири овардани ҷӯйи пуроб шиносоӣ пайдо мекунад, яъне дар ин достон сарчашмаи ишқ оби мусаффо мебошад.

Туро чун хоб мехоҳам,
дар ин шабҳои бехобӣ,
Туро чун об мехоҳам дар
ин паҳноии беобӣ.

Об манбаи беназире мебошад, ки тамоми мавҷудоти рӯйи олам бе он зиндагонӣ карда наметавонад. Об барои тамоми ҳаёти инсон, ҳайвоноту наботот бениҳоят зарур аст. Об ба табиату инсоният, боғу бӯстону гулу гиёҳҳо, баробари зебоию сарсабзӣ, умри дубора мебахшад.

Агар об набошад, деҳқонон дар заминҳои кишоварзӣ маҳсулоти хӯрокворирро чӣ тавр меҷӯянанд? Агар онҳо нарӯяд, пас зиндагонии мардум чӣ тавр мегузарад?

Об ба ҳаёти мо вобастагии қавӣ дорад, ки барои нӯшидан, пухтани хӯрок, шустани либос, тоза кардани хонаву ҷой, сохтани манзил, обод кардани гирду атроф, обёрии заминҳои кишоварзӣ истифода мешавад. Аз ҳама муҳимаш, қисми асосии тана ва мағзи сари инсон аз об иборат буда, ҷиҳати мавҷудияти он об моддаи зарурӣ ба шумор меравад. Инсон дар беобӣ 7-8 рӯз тоб оварда метавонаду халос.

Чоряк қисми аҳолии дунё аз истеъмоли оби тозаи ошомиданӣ маҳруманд.

Дар мамлакати мо низ солҳост, ки норасоии об ба назар мерасад. Дар Қароқалпоқистону Хоразму Бухоро мавзеъҳое ҳастанд, ки аҳолии он ба оби ошомиданӣ нисбат ба дигар мавзеъҳои ҷумҳурӣ бештар маблағ сарф мекунанд, инчунин дар ин манзил заминҳо низ бо душворӣ обёрӣ мешаванд. Таъминоти об бошад, дар ҳар сари кас гуногун аст, масалан, дар баъзеи вилоятҳо дар як шабонарӯз барои як кас тақрибан 40 литр об сарф шавад, ин нишондод дар вилояти дигар то 200 литр мебошад.

Зодгоҳи ман – деҳаи Сентоби ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ яке аз мавзеъҳои зебоманзари кишварамон ба шумор меравад. Деҳа кӯҳҳои сарбаланд, чашмаву шаршараҳои дилкушою мусаффо дорад, ки боиси қадамгузории сайёҳони хориҷиву ватанӣ гаштааст. Яке аз чашмаҳои калонтарину ширинобиаш деҳа «Акко» ном дошта, тамоми аҳли деҳ аз он истифода мебаранд. «Фозилмон» ном кӯли калонтарину серобтарини он бошад, аз рӯйихати даҳгонаи кӯлҳои хушнамои Ӯзбекистон ҷой гирифтааст.

Соли 2022 мувофиқи фармони сарвари давлат ва қарори Девони Вазирон ба Сентоб мақоми деҳаи сайёҳӣ дода шуд ва пас аз ин барои пешвоз гирифтани сайёҳону бо табиати мӯъҷизаофари деҳа шинос гардондани онҳо ҳамаи шароит фароҳам оварда шуд. Ҳоло ба инҷо аз Англия, Фаронса, Олмон, Русия, Австрия ва мамлакатҳои дигар сайёҳон меоянд.

Имрӯз, ки об яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад, мехостам чӣ сайёҳон ва чӣ меҳмононе, ки ба деҳаи мо қадам мегузоранд, ба тоза нигоҳ доштани гирду атроф ва оби зулолу мусаффои он эътибори алоҳида диҳанд.

Ҳоло дар чиндин мамлакати ҷаҳон хушкшавии замин ба назар мерасад. Мувофиқи маълумотҳои охир мамлакати мо низ аз ин хатар дур нест. Бар замми ин, аҳолӣ аз ифлосшавии оби ошомиданӣ низ азият мекашад. Барои ин ҳар як шаҳрванд бояд дарк намояд, ки мушкилоти об чӣ гуна душвориҳоро пеш меорад ва ҳангоми истифодабарӣ то ҳадди имкон сарфа намояд. Агар дар давоми як дақиқа аз крани носоз 60 қатра об ҷорӣ шавад, дар ним соат то 200 миллилитр, дар як шабонарӯз 12 литр, дар як сол 4680 литр об беҳуда сарф мешудааст. Азбаски ояндаи инсоният, ҳастии ҳайвоноту олами наботот ба об вобаста аст, мо ин бузургнеъмати табиатро қадр намоем, то ки насли оянда низ бо сериву пурӣ, фаровонҳолӣ умр ба сар баранд. Нагузорем, ки ягон нокас ба ифлосшавии об роҳ диҳад, партов ё ягон амали носозеро нисбати он раво бинад.

Зулола НЕКМУРОДОВА,
донишҷӯйи курси 3-юми
гурӯҳи тоҷикии ДДБ.

ВОХӮРИҲОИ СУДОВАР

Фаромӯшнопазир буд ҳафтаи гузашта барои ҷавононони вилояти Навоӣ. Онҳо дар маркази ноҳияи худ доир ба мавзӯи «Дониш, маҳорат ва муваффақият» бо пешқадамони соҳаҳои гуногуни соҳибкорӣ вохӯриҳои судманд анҷом доданд. Ин гуна вохӯрӣ дар хонаи Маданият ва маърифати ноҳияи Нурато низ баргузор гардид.

Зимни вохӯрӣ 5 нафар соҳибкори муваффақи кишвар – иҷрокунандаи вазифаи директори хазинаи «Ёшлар келажагимиз» Хайрулло Сатторов, асосгузор ва роҳбари маҷмӯаи маркази таълими «Thompson school» Шаҳзод Баҳодуров, асосгузори лоиҳаи маркази таълими «Наҷот таълим» ва лоиҳаи «Осмондаги болалар» Темурбек Адҳамов, дорандаи сертификати байналмилал оиди рушди зеҳнӣ, муассиси барномаи «Супер мия» Даврон Турдиев ва дорандаи медали «Шуҳрат», асосгузори лоиҳаи «Ibrat Akademy» Рустам Қориев ба ҷавонон оиди касбу кор, шуғли замонавӣ ва моҳияти соҳибкорӣ дарси маҳорат гузарониданд.

Вохӯрӣ ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва интихоби касбу кори ҷавонон нақши амиқ гузошт, ки самари он оянда ба мушоҳида мерасад.

Ҷавононони муваффақ бо сертификат ва китобҳо сарфароз гардонда шуданд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

Мавзӯъ барои мулоҳиза

ИСРОФ НАКЎ НЕСТ, БА ҶУЗ ДАР АМАЛИ ХАЙР

Рӯзи истироҳатӣ партову пасмондаҳои гӯшаву канори ҳавлиро дар борхалтаҳо ҷамъ карда, партовхона бурдам.

Марде, ки бо оилаи худ дар хонаи хурдакаки шафати партовхона мезист ва барои тозагии гирду атрофи он масъул буд, аз даруни қуттии партов чизеро чида, ба борхалта меандохт. Салом дода, ҳол пурсидам.

– Раҳмат,– хиратабъ гуфт мард.

– Хидматҳои шумо шоёни таҳсин аст,– гуфтам.– Аз бозе, ки кӯчида омадед, ҳамеша атрофи партовхона тоза. Кам нашавед.

– Кори мо ҳамин,– хоксорона ҷавоб дод. – Лекин гоҳ ҳамин кор ҳам малол меояд.

– Чаро? Ягон мушкил ҳаст? – бо тааҷҷуб пурсидам.

– Муаммо дар кор не, дар одамон, – гуфт ва даҳони борхалтаи худро кушода илова кард:

– Ин нонҳоро бинед, – чанд пораи калони нонро аз борхалта гирифт. – Чӣ қадар одамон ба нонреза зору баъзе одамон нон камтар сахт шавад, ба партов мепартоянд. Дар селофани алоҳида гиранд ҳам дарди ба хайр, дар дарун пӯсту пӯчоқу ахлот меандозанд. Ҳамин ношукриҳоро дида, кайфият расво ва аз кор кас дилсард мешавад, – оҳ кашид мард.

– Ҳа, – андешамандона гуфтам ва халтаҳоро гузошта, хона баргаштам. Роҳ ба роҳ дар бораи исрофкориҳои мардум фикр кардам ва ҳамин андешаҳо водор кард, то дар ин мавзӯъ матолибе омода кунам.

Ҳамасола беш аз 1,3 миллиард тонна маҳсулот исроф мешавад

Аввалин саволе, ки ба сарам зад, ин буд: ҳоло дар ҷаҳон чӣ миқдор одамон аз гуруснагӣ ва норасоии маҳсулоти хӯрокворӣ азият мекашанд? Барои ҷавоб дарёфтан сар ба шабакаҳои иҷтимоӣ задам. Интернет дар як лаҳза ҳазорон маълумотро пешкаш кард, ки дар байни онҳо эътимодноктаринаш маълумоти Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ буд.

Бино ба маълумоти ин созмон дар 50 соли охир бо мақсади таъмини аҳолӣ бо маводи зарурӣ истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ қариб 300 дарсад афзудааст. Новобаста аз ин, мувофиқи ҳолати соли 2023 ба ҳисоби миёна 735 миллион нафар аҳолии рӯйи замин аз гуруснагӣ ва камғизоӣ азият мекашанд. Маҳз дар чор соли охир дар натиҷаи тағйирёбии иқлим, пандемияи коронавирус ва низоҳои гуногун, шумораи гуруснагон дар ҷаҳон 122 миллион нафар зиёд шудааст.

Ин дар ҳолест, ки дар аксар кишварҳои ҷаҳон қисми зиёди маҳсулоти истеъмолӣ исроф мегардад ва ба партов табдил меёбанд. Аз рӯйи маълумоти Барномаи ҷаҳонии хӯрокворӣ ҳар сол дар ҷаҳон тақрибан 4 миллиард тонна хӯрокворӣ истеҳсол шуда, сеяки ин маводи ғизоӣ, яъне беш аз 1,3 миллиард тонна маҳсулот исроф мегардад. Дар натиҷа, ҳамасола иқтисоди ҷаҳонӣ як триллион доллари амрикоӣ зарар мебинад. Ба худ андешидам, ки ин маблағ андак нест ва наход мамлакатҳои ҷаҳон бобати пешгирии исрофкорӣ чорае намеандешанд?

Таҷрибаи ҷаҳон дар пешгирии исрофкорӣ

Пойбанди чунин андешаҳо аз интернет ба дархости «Таҷрибаи ҷаҳон дар пешгирии исрофкорӣ» маълумот ҷустам. Дар натиҷа маълум гашт, ки ҳоло аксар давлатҳо бар зидди исрофкории маводи хӯрокворӣ бо роҳҳои гуногун мубориза мебаранд. Масалан, 29 апрели соли 2021 парлумони кишвари пуриқтидор ва рушдкардаи Чин қонунро «Дар бораи мубориза бо истифодаи исрофкоронаи маҳсулоти ғизоӣ» ба имзо расонид. Инчунин, дар Чин мунтазам маърака (аксия)-и «Табақчаи тоза» гузаронида шуда, дар доираи он одамон таоми худро пурра хӯрда, табақчаи тозаро дар саҳифаҳои иҷтимоии худ мегузоранд.

Дар Тоҷикистон низ Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» имзо гардидааст, ки маҳз барои пешгирии исрофкориҳо дар маросимҳои милливу динӣ ва кам кардани хароҷоти беҳуда нигаронида шудааст.

Инчунин, дар Қазоқистон Платформаи фудшеринг ташкил гардида, мунтазам ба аҳолии камбизоат маҳсулоти хӯрокворӣ тақсим карда мешавад.

Дар кишварҳои Аврупо низ дар ин самт чорабиниҳои муҳим андешидаанд. Дар Дания барномаи маҳсуси Too Good To Go-ро ба кор андохтаанд, ки дар бораи маҳсулоти боқимондаи тарабхона ва супермаркетҳо маълумот медиҳад ва аз барномаи мазкур 11 кишвари Аврупо истифода мебаранд.

Дар Фаронса аз моҳи июни соли 2021 сар карда, тамоми корхонаҳои хӯрокхӯрии умумии ин кишвар ӯҳдадор гардиданд, ки хӯрокҳои боқимондаи мизоҷонро дар пакетҳои махсус ба онҳо диҳанд.

Бихӯред, бинӯшед, вале исроф накунед…

Дар ҳақиқат, мафҳуми исрофкорӣ доираи васеъро фаро мегирад ва ҳоло ба яке аз мушкилоти иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Дар ин маврид дар дини мубини Ислом низ ҳадису ривоятҳои зиёд мавҷуданд.

– Аз исрофкорӣ бояд эҳтиёт шуд, – гуфт муовини раиси Идораи мусулмонони Ӯзбекистон Зайниддин Эшонқулов. – Дар сураи Аъроф ояти 31-уми Қуръони Карим Худованд бандагонашро аз исрофкорӣ манъ намуда, мефармояд, ки «Бихӯред ва бинӯшед, вале исроф накунед, зеро Ӯ (Худованд) исрофкоронро дӯст намедорад». Чӣ чизеро исроф кунем, он ҷавобгарӣ дорад. Бахусус, солҳои охир мардуми мо дар маъракаву маросим, тӯю тантанаҳо дабдабаи барзиёд, манманиву худнамоӣ намуда, ба исрофкориҳо роҳ медиҳанд. Агар мо аз исрофгарӣ худдорӣ карда, маблағи барзиёди худро ба корҳои хайр сарф кунем, савоби бештар мегирем.

Воқеан, борҳо шунидаем ва шоҳид шудаем, ки баъзе оилаҳо дар базмгоҳҳои қимат тӯю маросимҳои дабдабадор гузаронида, танҳо барои дастархон маблағи бисёр сарф мекунанд ва дар натиҷа қарздор шуда, бо мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ меоянд. Афсӯс, ки пас аз тӯйи 2–3 соата аксар нозу неъматҳо дар рӯйи дастархон мемонанд.

Бино ба маълумоти Хидмати матбуоти Садорати андози давлатии вилояти Самарқанд ҳоло дар ин вилоят 1392-то маскани хӯрокхӯрии умумӣ, 81-то қаҳвахона, 169-то ресторан ва 39-то тӯйхона фаъолият доранд. Ин миқдор танҳо дар як вилоят аст ва тахмин кардан мумкин, ки дар сатҳи ҷумҳурӣ ин нишондиҳанда чанд маротиба зиёд мебошад. Имрӯзҳо мо ба кадом ошхона, ресторан ё ки қаҳвахона равем, одам бисёр. Акнун тасаввур кунед, ки ҳамарӯза дар ин ресторану тарабхонаҳо чӣ қадар маҳсулот исроф гардида, аз қуттии партов ҷой мегиранд ё озуқаи чорво мешаванд?

Гайр аз ин, соле пеш дар шабакаҳои иҷтимоӣ масъалаи дар як рӯз ба партов партофтани беш аз 2 тонна нон дар шаҳри Тошканд хеле муҳокима гардида буд, ки воқеан боиси нигаронӣ аст. Аз ин рафтори мардум хулосае бармеояд, ки мо сер шудем ва акнун нонро ҳам пеши по мезанем. Ва ҳамзамон саволи барҳақ пайдо мешавад: оё дар кишвар бобати пешгирии исрофкорӣ ягон чора андешида шудааст? Дар қонунгузорӣ барои шахсони ҷисмонӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба исрофкорӣ роҳ медиҳанд, чӣ гуна ҷавобгарӣ муқаррар гардидааст?

Барномаи «Истеъмоли оқилона» кай таҳия мегардад?

Вақте бо ин савол ба шабакаҳои иҷтимоӣ мурочиат кардем, маълумоти ачибе пеш омад. 31 майи соли 2023 Қарори Президент «Дар бораи чораҳои ташкили самарбахши фаъолияти Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим» имзо гардидааст. Мувофиқи қарор дар назди вазорат вазифаи то 1 июли соли 2023 таҳияи барномаи «Истеъмоли оқилона» гузошта шудааст ва татбиқи тавсияҳои Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид бобати кам кардани партовҳои озуқаворӣ ва пешгирии исрофкории аз ҳад зиёд чун вазифаи асосии барнома муқаррар гардидааст. Инчунин, бо қарор масъулон вазифадор шудаанд, ки дар рафти омодасозии барномаи «Истеъмоли оқилона» ба масъалаҳои зерин эътибор диҳанд:

– муқаррарсозии меъёри оқилонаи истеъмоли хӯрокворӣ дар чорабиниҳое, ки мақомоти давлатӣ ташкил мекунанд, кам кардани истеъмоли зиёдатӣ, аз ҷумла муайян кардани меъёри хӯроки якмаротибаина барои як нафар;

– нисбати маҳсулоти хӯрокворӣ баланд бардоштани масъулияти тадбиркорон ва истеъмолкунандагон дар соҳаи хӯроки умумӣ;

– ташаккул додани одатҳои дурусти хӯрокхӯрӣ дар байни аҳолӣ ва пешгирии исрофкории зиёдатӣ, инчунин, маҳдуд кардани тарғиби истеъмоли аз ҳад зиёд;

– андешидани чораҳои молиявӣ нисбат ба шахсоне, ки ба исрофкорӣ роҳ медиҳанд, инчунин, роҳандозии механизми назорат. Мо бо мақсади дарёфти ҷавоб ба саволҳои «Оё барномаи «Истеъмоли оқилона» таҳия гардид? Дар доираи барнома чӣ гуна корҳо амалӣ шуданд?» ба масъулони Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим мурочиат кардем.

– Бо мақсади таъмини иҷрои қарор ва вазифаҳое, ки дар он муқаррар гардидааст, аз тарафи Вазорати экология, ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлим лоиҳаи қарор «Дар бораи тасдиқи барномаи «Истеъмоли оқилона» («Save food»), ки барои кам кардани партовҳои ғизо ва пешгирии исрофкории зиёдатӣ дар соҳаи хӯрокворӣ умумӣ» таҳия гардид ва ҳоло бо 14 вазорату идораҳои дахлдор созиш карда мешавад, — гуфт мутахассиси вазорат Нӯъмонҷон Шокиров. – Дар семинаре, ки 25 июни соли 2024 дар шаҳри Тошканд аз ҷониби намояндагии Созмони озуқа ва кишоварзӣ дар Ӯзбекистон бобати кам кардани партовҳои хӯрокворӣ ва пешгирии исрофкорӣ гузаронида шуд, мутахассисони вазорат иштирок карданд ва пешниҳоди тақдими имтиёзҳоро ба корхонаҳое, ки хайр мекунанд, ба миён гузоштанд.

Гайр аз ин, коршиносони вазорат тавассути васоити ахбори омма дар мавзӯъҳои пешгирии исрофкориҳо баромад намуда, таваҷҷуҳи мардумро ба ин масъала ҷалб мекунанд.

Аз гуфтаҳои мутахассиси вазорат аён мегардад, ки аз байн беш аз як сол гузашта бошад ҳам, то ҳол барнома тасдиқ нашудааст.

Умед дорем, ки вазоратҳо дар тасдиқи барнома зудтар ба созиш мерасанд ва барномаи «Истеъмоли оқилона» дар амал татбиқ гардида, иҷрои он бобати ташаккули маданияти истеъмоли маҳсулот ва пешгирии исрофкориҳо мусоидат мекунад.

Исрофкориро маломат мекунем, аммо…

Дар зарбулмасале «Исроф накӯ нест ба ҷуз дар амали хайр» омадааст. Воқеан, имрӯз бо касе суҳбат накунем, исрофкориро чун одати бад маломат карда, таъкид мекунанд, ки «мо бояд шукргузору сарфакор бошем, исрофкорӣ накунем». Аммо гоҳо худи ҳамин шахсони «сарфакор» ба гуфтаҳои худ амал намекунанд.

Хулоса, фурсате расидааст, ки бобати пешгирии исрофкорӣ, ба тартиб андохтани тӯю маросимҳо, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва моддӣ, ташаккули маданияти сарфакорӣ дар байни аҳолӣ чорабиниҳо андешида шавад. Дар ин самт пешниҳоду тавсияҳои намояндагони пешқадами ҷомеаро шунида, бобати пешгирии ин иллати иҷтимоӣ барномаҳои муфид роҳандозӣ ва корҳои зарурӣ амалӣ гарданд. Танҳо бо ҳамин роҳ метавонем барои насли оянда ҳаёти хушбахтонаро таъмин созем ва онҳоро аз хатари ҷаҳонии гуруснагӣ ва иллати исрофкорӣ эмин нигоҳ дорем.

Фаридуни ФАРҲОДЗОД,
мухбири «Овози тоҷик».

Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад ёдгор.

Бо ташаббуси ёру дӯстон, хешу пайвандон дар қасри боксчиёни шаҳри Самарқанд бахшида ба 85-солагии устоди варзиш, мураббии номдор, ҳаками байналхалқӣ шодравон Абдуазиз Абдуҳамидов мусобиқаи ҷумҳурии муштзанҳои наврас баргузор гардид.

Ташкилотчиёни чорабинӣ дар ҷойи намоён сурати соҳибҷашнро гузоштаанд, ки гӯё ӯ аз байни чорчӯбаи хушсохт меҳмонону мизбононро бо табассуми ширин, нигоҳи пурмеҳр ҳайра мақдам мегӯяд. Шахсоне, ки ӯро аз наздик мешинохтанд ва ё бо ӯ риштаи дӯстӣ баста буданд, чанд лаҳза сӯяш дида дӯхта, афсӯс мехӯрданд, ки ҳоло дар байни эшон нест.

Марги нобаҳангом ӯро дар 58-солагӣ аз байни мо рабуд, вале хотири некаш боқист.

Абдуазиз соли 1940-ум дар шафати майдони Регистон, гузари Масҷиди кабуд таваллуд ёфта, аз наврасӣ ба варзиш дил баст.

Аз ҳамин сабаб Абдуазиз аз наврасӣ ба маҳфили бокс рафт ва ҳатто дар мусобиқаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ ҷойҳои фахрӣ насибаш гашт.

Ӯ баъди хатми мактаби миёнаи рақами 21-уми ноҳияи Сиёб ба Тошканд омада, донишҷӯйи Донишкадаи давлатии тарбияи ҷисмонии Ӯзбекистон гардид. Ҳангоми таҳсил дар донишкада, баробари шуғл бо варзиш, пайваста китоб хонда, ғизои маънавӣ мегирифт.

Абдуазиз Абдуҳамидов соли 1962 фаъолияти корирро ҳамчун мураббии клуби «Динамо»-и назди Садорати варзиши вилояти Самарқанд оғоз намуд. Аз байн ду-се сол нагузашта, ӯро директори мактаби махсуси бокс таъин карданд. Бинобар ташаббускорӣ, қатъият ва дигар хислатҳояш роҳбари мактаби олии маҳорати варзиши ҷумҳурӣ интихоб шуд. Соли 1973 унвони ҳаками мотфаи байналхалқӣ гирифта, дар бисёр мусобиқаҳои бонуфуз ширкат варзид.

Хотира муқаддас аст

АЗИЗИ МАРДУМ БУД…



Масалан, соли 1974 дар Куба чемпионати ҷаҳон оид ба бокс баргузор шуд, ки вай бо чаҳор нафар вакилони Иттиҳоди Шӯравӣ ба Гавана омад. Ҳамон сол намояндаи Тошканд Руфат Рисқиев чемпиони ҷаҳон шуд ва ифтихори кишвари шӯравӣ гардид.

Ҳамватани мо дар бозиҳои олимпӣ, байналхалқӣ, ҷумҳурӣ низ доварӣ кардааст.

Сад дареғ, ки соли 1998 аз сактаи дил чашм аз олами ҳастӣ пӯшид ва ӯро дар қабристони Чиғатой, воқеъ дар Тошканд, ба хок супурданд. Чанде пеш ҳамсараш Муҳаббатхола низ аз олами фано ба олами бақо реҳлат намуд.

Се нафар фарзандон ва қариб 10 нафар наберагон ворисони муносиби сулолаи Абдуҳамидовҳо мебошанд.

– Мо, фарзандон ҳар гаҳ ёди падари бузургворам мекунем, – бо ҳасрат гуфт ягона писараш Темурҷон. – Рости гап, дар Самарқанд гузаштани тадбири пуршукӯҳи хотирнишонро шунида ниҳоят хушҳол гардидем, шогирдони бешумор, дӯстони бовафо ёди неки падари бузургворам кардаанд.

– Раҳматӣ устодамон Абдуазиз Абдуҳамидов инсони хоксору росткор, дилёбу дарёдил ва ба мо – шогирдон ниҳоят ғамхору меҳрубон буданд, – иброз дошт устоди варзиш, депутати Шӯрои намояндагони халқи вилояти Самарқанд, яке аз ҳомиёни мусобиқа Ӯктам Саидмуродов, – солҳои 70-80-уми асри гузашта дар Самарқанд Абдуазиз Абдуҳамидов, Виктор Ким, Анатолий Панарин барин мураббиён мактаби хоси худро бунёд карда буданд, ки шогирдони эшон дар мусобиқаҳои бонуфузи байналхалқӣ, Бозиҳои олимпӣ, чемпионати ҷаҳон ҷойҳои фахрӣ ишғол менамуданд. Додарон Александр ва Николай Анфимовҳо, Марат Габриелов, Игор Коржаманов, Михаил Ягудаев ва дигар варзишгарони Самарқандро дунё мешинохт.

Боз як гап. Раҳматӣ Абдуазиз Абдумаҷидович ба мо на танҳо сиру асрори муштзанӣ, фазилатҳои ҳамидаи инсониро низ ёд медоданд.

Таълиму тарбияти устод буд, ки аксарияти шогирдонаш ба мактабҳои олӣ дохил шудаанд ва ба халқу Ватан хидмати шоиста мекунанд.

– Илоҳо рӯҳашон шод ва хонаи охираташон обод бод, раҳматӣ амакам Абдуазиз Абдуҳамидов барои хешу пайвандон низ ғамхору меҳрубон буданд, – ба суҳбат ҳамроҳ шуд яке аз собиқадорони варзиш, ҷонишини раиси амини гузари Масҷиди кабуд Абдукарим Абдуғаниев. – Ман аз фурсат истифода бурда ба шогирдони вафодори ӯ – фахриёни бокс Абдулло Сафаров, Собирҷон Бобоҷонов, Файзулло Зиёев, Ӯктам Саидмуродов, Қобил Сатторов, Рустам Насимов, Абдулло Мансуров, Рустам Алиев, Эргаш Ҳакимов, Холмурод Ҳасанов ва дигарон сипосгузорӣ мекунам, ки вақти хешро дареғ надошта, дар ин мусобиқаи бошукӯҳи варзишӣ ширкат варзиданд.

Боят таъкид намуд, ки дар мусобиқоти ҷумҳурӣ 15 нафар дар вазни худ ғолиб дониста шуда, бо туҳфаҳои хотиравӣ ва ифтихорномаҳои ташкилотчиён сарфароз гардидаанд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

ТАЪМИР АНҶОМ ЁФТ



Дар ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ барои муҳайё намудани имкониятҳои мусоиди қабул ва хидматрасонӣ ба аҳолӣ, беҳдошти инфрасохтори шаҳр корҳои зиёди бунёдкорӣ ба анҷом мерасад.

Он рӯз назди бинои шуъбаи «Бемориҳои сирояткунанда»-и ноҳия намуди идона дошт. Дар ин ҷо бо сарварии ҳокими ноҳия Азамат Файзиев роҳбарони секторҳо, кормандони соҳаи тиб, ҷавонону пиронсолон ҷамъ омаданд. Маросими кушодашавии бинои навтаъмири бо ҳамаи лавозимоти зарурии замонавӣ муҷаҳҳазро ҳоким бо суханони муқаддимавӣ кушод ва ҳозиринро бо ин рӯйдоди накӯ муборакбод намуд. Чанде аз ҷавонон ва пиронсолон аз корҳои бунёдкорӣ дар ноҳия изҳори миннатдорӣ намуданд.

Ба кормандони ҶММ «Ashraf», ки дар таъмири бино саҳм гузоштаанд, туҳфаҳои хотиравӣ дода шуд.

Лентаи даромадгоҳро мӯйсафедони рӯзгордида буриданд. Шодию хуррамии ҳозиринро интиҳо набуд.

Ӯзбакбойи РАҲМОН,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти НАВОӢ.

РОҲАТ АЗ МЕҲНАТ АСТ

ё худ чанд андеша аз сафари водии Фарғона

Имсол ба водии Фарғона ду бор сафар кардам. Нахуст фасли тобистон, чиҳати иштирок дар ҷашни зодрӯзи адабиётшинос Фарҳод Исомиддинов ва семинари илмию амалии минтақавӣ оид ба масъалаҳои зуллисонайнӣ, ки дар Донишгоҳи давлатии Фарғона сурат гирифт.

Тобистон меваҳо пухта расида буданд. Қад-қади шоҳроҳи калон тоҷирон ғӯлингу қурут, нону фатирҳои хушталъ мефурӯхтанд. Ин ҳолро дида, онро бо дигар ҳудуд ва минтақаҳо қиёс мекардам, ки ба ҷойи ҳар гуна нӯшобаҳои ташнагишикан гоҳе ба роҳиён нушокиҳои энергетикиро муроот мекунанд.

Бори дуюм аввалҳои моҳи сентябр барои ба хонаводаи хоҳаркалонам арӯс овардан боз роҳи ин водии зархезро пеш гирифтем. То Олтиариқ роҳ фароҳу ҳамвор аст. Роҳи ағбаи Қамчиқ низ замонавист. Ду тарафи роҳ пур аз нуқтаҳои хидматрасонӣ, ошхона ва манзилҳои истироҳатӣ.

Ронандагони ҷавонро баъзан ҳушдор медодем, ки суръатро тез накунанд, вале, кучо, гапи мо аз як гӯши онҳо даромада, аз гӯши дигарашон мебаромад.

Як ҷиҳати хуб ва фарқкунандаи мардуми водӣ ин меҳнатдӯстист. Инро раҳорах ва ҳини аз як ҳавлӣ ба ҳавлии дигар гузаштан бараъло мушоҳида кардан мумкин аст. Ба як порча замини берун аз дарвоза ҳам ток шинондаанд. Токзор кардаанд. Навъҳои гуногуни ангур: тагобию тоифӣ ва боз чандин ном дар зери нурҳои заррини хуршед ачаб зебо ҷило медиҳанд. Бешубҳа, метавон ҳосили онҳоро фурӯхт ва барои рӯзгор истифода бурд.

Кош мардуми саросари кишвар аз ин таҷрибаи аҳли водӣ ибрат гиранд, меандешам ба худ. Ёд дорам устод Бекназар Тӯйназаров боре дар як саҳифаи рӯзнома таассуроти сафари худро, агар саҳв накунам, бо номи «Водии муҳаббат» навишта буданд. Оре, ин мардум ба замин, ба зиндагӣ, ба ёру диёр муҳаббат доранд. Гоҳе аз он, ки таноб-таноб замин бе нигоҳубин, об бошад ҳам, бе кишт мондааст, як гиёҳе нарустааст, ангушти ҳайрат мегазем. Гӯё замин бесоҳиб бошад.

Агар кас ба замин, кору меҳнат дил бандад, аз он, албатта, ҳосили дилхоҳ хоҳад гирифт. Танҳо хоҳишу дилгармӣ, яъне муҳаббат зарур аст…

Анорбой НАЗАРОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Вилояти ҶИЗЗАХ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1028.
Адади нашр 4182. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 01.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.